**ФАРМОИШИ**

**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «12» 10 соли 2016 № 3836 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 9 ва 94 Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 495 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) бақайдгирии давлатии фармоиши мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интишори расмии онро таъмин намояд.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2015, № 1528 «Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи ғайринавбатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2015, № 3/3» аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид